# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи “Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025. – 198 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом, ки ба таҳлили сохтории истилоҳсозӣ ва усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ аз нигоҳи муқоисаи ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мувофиқати комил дорад.

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои охир як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва монографии махсус рӯйи кор меоянд, ки ба масъалаҳои мубрами истилоҳшиносӣ бахшида шудаанд. Мавриди омӯзиш қарор додани истилоҳоти дорусозӣ дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ ва луғатномаҳои дорусозии мухталиф вобаста ба вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ, мансубияти забонӣ ва забоншиносӣ муҳимият ва саривақт будани таҳқиқи мавзуи мазкурро нишон медиҳад. Дар забоншиносии муқоисавӣ мавзуи истилоҳ, истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, доир ба истилоҳоти тиббӣ, бахусус истилоҳоти дорусозӣ ба таври бевосита таҳқиқот дар шакли рисолаи алоҳида дар забоншиносии муқоисавӣ пурра омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи мазкур, бешубҳа, **мубрам** ва таҳқиқи он дар ин марҳилаи рушди забон ва истилоҳсозии тоҷик саривақтӣ ба назар мерасад.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва истилоҳшиносиро омезиш дода, масъалаҳои мубрами низоми муқоисавии таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Ногуфта намонад, ки дар истилоҳшиносии тоҷик ва фаронсавӣ масъалаҳои марбут ба таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ақидаҳои ҷолиб ба мушоҳида мерасанд, вале татбиқи ақидаҳои назарӣ дар мисоли матнҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз нигоҳи олимони тоҷик дар диссертатсияи мазкур хуб инъикос ёфтаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва паҳлуҳои мухталифи он аз нигоҳи маъноӣ, сохторӣ, таърихи пайдоиш, заминаҳо, марҳилаҳои ташаккули он, нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, нақши истилоҳоти дорусозии иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ бори аввал ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** мутобиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия тасвият шудаанд, ки муҳтавои асосии онҳо чунин аст: пажуҳиш доир ба назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосири тоҷикиву фаронсавӣ дар заминаи таҳлилу баррасии истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикию фаронсавӣ татбиқ гардидааст, таҳлилу баррасии таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда, умумият ва фарқияти типологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро собит намуд, саҳми луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои дорусозӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ муайян гардидааст, роҳу усулҳои пешрафтаи истилоҳсозӣ дар соҳаи дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ муқаррар гардидааст, нақши истилоҳоти дорусозӣ барои ба вуҷуд овардани забони илмии тиббии дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ муайян гардидааст, ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар бою ғанӣ гардонидани захираи луғавии истилоҳоти тиббии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дақиқу равшан карда шудааст, роҳу усулҳо ва меъёрҳои асосии муродифпазирии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мушаххас гардидааст, баъзе камбудиву

нуқсонҳо ва норасоиҳо дар истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ тибқи низоми истилоҳот шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷа ва хулосаҳову тавсияҳои манзурсохтаи муаллиф дар заминаи маводди назариявӣ ва амалии боэътимод сурат гирифта, кори худи диссертасионӣ дар навъи худ бесобиқа маҳсуб меёбад, ки зарурати таҳқиқи мавзуъро собит сохтаанд. Таҳлили камназир ва илмии истилоҳот дар заминаи ақидаҳои назариявии олимони соҳа низ аз асоснок ва боэътимод будани хулоса ва тавсияҳои диссертатсияро аз нигоҳи таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ собит сохтааст.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз аҳаммияти назариявӣ бархӯрдор аст, зеро дар он омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ, истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиш, замина ва марҳилаи ташаккули он, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои гуногунсохтор, истилоҳоти иқтибосшудаи дорусозӣ дақиқу муайян карда шудаанд. Гузашта аз ин, кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур метавонад ҳамчун маводи таълимӣ дар донишгоҳҳову донишкадаҳои тиббӣ барои баргузории курсҳои назариявии грамматика, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, курсҳои махсус ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ хизмат намояд. Ҳамзамон, он метавонад барои рушду густариши таҳқиқоти муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ва маърифатӣ, назария ва амалияи забоншиносӣ, услубшиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим бошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 198 саҳифаи чопи компютерӣ омода шудааст.

**Муқаддимаи** диссертатсия тибқ талаботи барасмиятдарории диссертатсия танзим гардида, дар он мубрам будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии

таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **“Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ”** унвон дошта, фасли якуми он ба омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносии муосир бахшида шудааст.

Дар ин фасл асоси омӯзиш ва пайдоиши таърих ва ташаккули истилоҳоти дорусозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои хоси онҳо таҳқиқ гардидаанд. Ба андешаи муҳаққиқ ташаккули истилоҳоти тоҷикӣ, фаронсавӣ ва лотинии дорусозӣ, ки аз замонҳои классикӣ ибтидо мегирад, дар сарчашмаҳои тиббӣ, луғатномаҳо ва осори гузаштагони мо беҳтар ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, таҳқиқи чунин як мавзуи муҳим саривақтӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ба низом даровардани истилоҳот, истилоҳсозӣ ва меъёрҳои интихоби истилоҳи дорусозӣ дар замони истиқлол ба таври илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар боби дуюм таҳти унвони **“Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ”** масоили риояи меъёрҳои интихоб ва усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ пешниҳод гардидааст.

Андешаи муаллиф роҷеъ ба масъалаи риояи меъёрҳои интихоби истилоҳсозии дорусозӣ арзишманд аст. Масалан, ба ақидаи муаллифи диссертатсия дар соҳаи истилоҳоти дорусозӣ, ки як бахши онро истилоҳоти байналмилалӣ аз забонҳои гуногун ташкил медиҳанд, саъй бояд намуд, ки муодили тоҷикии онҳо дар сарчашмаҳои илмии дорусозии классикӣ пайдо карда шавад: **адонис –испарак – l’adonis, алкогол – машрубот - alcool, алтей – гули хайрӣ – l’althea, guimauve, анис – бодиён – d’anis , аорта – шоҳраг – l’aorte** ва ғайра. Агар муодили тоҷикии он пайдо нашуд, пас соҳибони забон ва мутахассисони соҳаро лозим меояд, ки тибқи имконоти калимасозиву

истилоҳсозии тоҷикӣ истилоҳоти мавриди назарро созанд: **головка – сарак – la tête, желч – талха – la bile, кора – пӯстлох – un cortex** ва ғайра.

Муҳаққиқ ақидаҳои олимони варзидаи тоҷик ва хориҷиро роҷеъ ба усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ оварда, дар баъзе мавридҳо фикру андешаи худро ба ҷонибдорӣ ва муқоибили онҳо гузоштааст, ки ба ҳусни диссертатсия як ҷолибияти хоссае бахшидааст. Ба андешаи ӯ чун дар дигар соҳаҳо дар соҳаи истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ низ аз нигоҳи дарки моҳият, мазмуни истилоҳ, шарҳу тавзеҳи истилоҳот, меъёрҳои интихоби истилоҳ ва роҳу усулҳои истилоҳсозиву истилоҳофаринӣ баъзе камбудиву нуқсонҳо роҳ ёфтааст, ки дарки маънии аслии истилоҳоти дорусозиро барои хонандагон душвор месозад. Аз ин рӯ, дар мавриди масоили муҳимми гуфташуда, забоншиносон ва истилоҳшиносону дорусозонро месазад, ки дақиқкор бошанд.

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони “**Таҳлили маъноӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ**” ва фаслу зерфаслҳои он нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, нақши истилоҳоти иқтибосӣ, истилоҳоти дорусозии забонҳои сохторашон гуногун баррасӣ гардидааст. Таҳлили мисолҳо нишон медиҳанд, ки роҷеъ ба луғатномаҳои истилоҳоти дорусозӣ мисолҳои мушаххас ва зиёд ҷамъоварӣ шудаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи О.И. Сафарзода аз 20 банд иборат аст ва бо далелҳои муҳим ва мубрам асоснок гардидааст, ки дар илми забоншиносӣ ва истилоҳшиносии тоҷик саҳми арзанда ва бориз мегузоранд. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии сохтори маъноии истилоҳоти дорусозӣ ба хулосе меояд, ки истифода аз таҷриба ва истеъдоди баланди муаллифони дастурҳо ва луғатномаҳои тиббӣ, аз ҷумла соҳаи дорусозӣ, дар низоми истилоҳсозии дорусозӣ барои мутахассисони ин соҳа дар мавриди тарҷума, интихоби шакли нисбатан возеҳу равшани истилоҳоти дорусозӣ дар алоқа бо риояи қонуниятҳо ва усулҳои анъанавии истилоҳсозӣ

дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ ва раҳоии он аз камбудиву нуқсонҳои ҷойдошта мақоми илмиву амалӣ доранд. \

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо, аз қабили, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа гардидааст.

Дар диссертатсия аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – методҳои мушоҳида (таҳлили маводди назариявӣ), таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар корбурди истилоҳоти дорусозӣ, таҳлили сохторӣ ва функсионалии онҳо, хусусиятҳои маъноӣ-наҳвӣ ва амсоли инҳо истифода карда шудааст.

Феҳристи адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи “Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ” ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-грамматикӣ ва техникӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллифи диссертатсия дар муқаддимаи диссертатсия қайд менамояд, ки ба истилоҳоти тиббӣ миқдори ками таҳқиқоти муҳаққиқон бахшида шудаанд. Аммо мушоҳидаҳои мо нишон

медиҳанд, ки баъд аз солҳои ду ҳазорум миқдори чунин рисолаҳо бештар ба назар мерасанд.

2. Ба фикри мо хуб мешуд аз ягон маводи бадеӣ низ истифода мебурд.
3. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд (с. 17, 19, 20, 27, 53, 65, 86 ва автореферат 5, 7, 9, 20, 24).

Камудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи "Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
н.и.ф. дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷии факултети
дипломатия ва сиёсати АИД назди
ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон Азизова Мастона Ҳамидовна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон
«2» июни с. 2025.